# ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ ЭКСПЕРТӢ

Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-032 дар назди Муассисаи давлатии таълимии "Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ Ибни Сино" ба диссертатсияи Сафаров Ҷума Муминович дар мавзӯи "Басомади паҳншавӣ ва аломатҳои клиникию гематологии гелминтозҳои рӯдавӣ (аскаридоз, энтеробиоз, гименолепидоз) дар кӯдакон", барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои тиббӣ аз рӯи ихтисоси 3.2.2. Эпидемиология

Комиссияи экспертӣ, ки дар ҳайати Усмонӣ Гулнора Муқим, доктори илмҳои тиббӣ (раис), Мирзоев Азамҷон Сафолович, номзади илмҳои тиббӣ ва Матинов Шарофидин Қудбидинович, номзади илмҳои тиббӣ (аъзоён), иборат буд, баррасии ибтидоии кори диссертатсионии унвонҷӯи МД Пажуҳишгоҳи тибби профилактикии Тоҷикистон Сафаров Ҷ.М.- ро дар мавзуи "Басомади паҳншавӣ ва аломатҳои клиникию гематологии гелминтозҳои рӯдавӣ (аскаридоз, энтеробиоз, гименолепидоз) дар кӯдакон", барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои тиббӣ аз руйи ихтисоси 3.2.2. Эпидемиология анҷом дода, ба хулосаи зерин омад:

- Мавзӯи кори илмӣ, муҳтавои диссертатсия ва автореферат ба ихтисоси - Илмҳои тиббӣ, рамзи ихтисоси 3.2.2. Эпидемиология, соҳаи таҳсил ба зербанди 3.1. - шаклҳои пайдоиш ва хусусиятҳои паҳншавии ҷараёни эпидемикии бемориҳои сироятӣ ва паразитарӣ барои муайян намудани сабабҳо, шароит ва механизми инкишофи он; банди 3.8. - Таҳия ва такмили асосҳои илмӣ, методӣ ва ташкили назорати эпидемиологии бемориҳои сироятӣ мутобиқат мекунад.
- Мубрамияти мавзӯи интихобшуда бешубҳа аст ва ба самтҳои афзалиятноки илм дар ҷумҳурӣ мувофиқат мекунад. Тибқи маълумотҳои ТУТ, тақрибан панҷ миллиард нафар дар саросари ҷаҳон аз бемориҳои паразитӣ азият мекашанд. Дар байни ҳамаи паразитҳо: «намуди бештар ошкоршуда кирмҳои мудаввар - аскаридоз ва энтеробиоз мебошанд, ки шумораи гирифторшудагони ин шаклҳои

беморӣ зиёда ду миллиардро ташкил медиҳад, дар ҳоле ки ҳамасола зиёда аз сад ҳазор беморон аз оризаҳо мефавтанд.

Маълумотҳои омории солҳои 2016-2017, сатҳи гирифторшавӣ ба 100 ҳазор аҳолӣ аз рӯи баъзе паразитозҳо нишон медиҳад, ки масъала барои соҳаи тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти амалӣ дорад: «ба 100 ҳазор аҳолӣ: 21,0 - аскаридоз; 23,3 - энтеробиоз; 4,0 – гименолепидоз; 2,7 - лямблиоз;». Бо такя ба ҳамин далелҳо метавон хулоса кард, ки ”ин нишондиҳандаҳо муҳимияти масъалаи паразитозҳоро барои низоми тандурустӣ муайян мекунанд”.

- Муҳтавои диссертатсия дар таълифоти нашршудаи довталаб мукаммал инъикос ёфтааст. Аз рӯйи маводи диссертатсия 8 мақолаи илмӣ нашр шудаанд, аз ҷумла чор мақола дар маҷаллаҳои аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон эътирофшуда, ки муқаррароти асосии рисоларо пурра инъикос мекунанд.

Муқаррароти асосии натиҷаҳои тадкиқоти диссертатсионӣ дар Шӯрои олимони пажуҳишгоҳи тибби профилактикии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2023, 2024, конференсияи илмию амалии МДТ ”ДДТТ ба номи Абуалӣ Ибни Сино” бо иштироки байналмилалӣ (2023, 2024), Конференсияи илмию амалии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (2023, 2024, 2025), баррасӣ ва муҳокима карда шуданд.

- Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсияро бо ҳаҷми кифояи маводи таҳқиқот, коркарди омории натиҷаҳои таҳқиқот, таҳлили амиқи нашрияҳо дар ин мавзӯъ ва нашрияҳои натиҷаҳои таҳқиқоти худи муаллиф тасдиқ карда мешавад. Дар асоси маълумоти бадастомада, хулосаҳои аз ҷиҳати илмӣ асоснок ва тавсияҳои амалӣ барои беҳтар кардани системаи назорати эпидемиологӣ ва беҳсозии чораҳои пешгирикунанда ва зиддиэпидемикӣ, ки ба коҳиш додани паҳншавӣ ва бистарӣ шудани кӯдакон бо гелминтозҳои рӯда нигаронида шудаанд, таҳия карда шуданд.

- Комиссияи экспертӣ қабули диссертатсияро аз ҷониби Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-032 дар назди МДТ ”Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино” тасдиқ мекунад.

- Ба ҳайси муққаризони расмӣ олимони зерин пешниҳод карда мешаванд:

**Каримов Сайфуддин Сайтоҷович**, доктори илмҳои тиббӣ, директори МД ”Маркази ҷумҳуриявии мубориза бо бемориҳои тропикӣ” ВТ ҲИА ҶТ, шаҳри Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Сатторов Сафархон Саидамирович,** номзади илмҳои тиббӣ, директори Муассисаи давлатии "Маркази ҷумҳуриявии пешгирӣ ва мубориза бо БПНМ", шаҳри Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Ба ҳайси **муассисаи пешбари эҳтимолӣ Донишгоҳи давлатии тиббии Самарқанд** пешниҳод карда мешавад.

-Комиссияи экспертӣ тавсия медиҳад, ки нашри эълони ҳимоя, матни рисола ва автореферат дар сомонаи расмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва МДТ “Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино” иҷозат дода шавад.

- Пешниҳод карда мешавад, ки барои нашр ва паҳнкунии автореферат ва паҳлуҳои дигари арзёбии диссертатсия иҷозат дода шавад.

Комиссияи экспертӣ диссертатсияи Сафаров Ҷума Муминовичро дар мавзӯи: ”Басомади паҳншавӣ ва аломатҳои клиникию гематологии гелминтозҳои рӯдавӣ (аскаридоз, энтеробиоз, гименолепидоз) дар кӯдакон”, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои тиб аз рӯи ихтисоси 3.2.2. Эпидемиология баррасӣ намуда, дар асоси банди 60 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ

**ҚАРОР КАРД:**

1. Диссертатсияи Сафаров Ҷума Муминович дар мавзӯи: **"Басомади паҳншавӣ ва аломатҳои клиникию гематологии гелминтозҳои рӯдавӣ (аскаридоз, энтеробиоз, гименолепидоз) дар кӯдакон",** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои тиб аз рӯи ихтисоси 3.2.2. Эпидемиология барои дифоъ қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқотиашон ба ихтисоси 3.2.2. Эпидемиология мувофиқат доранд, ба ҳайси **муқарризони расмӣ** пешниҳод менамояд:

- Каримов Сайфуддин Сайтоҷович, доктори илмҳои тиббӣ, директори МД «Маркази ҷумҳуриявии мубориза бо бемориҳои тропикӣ» ВТ ҲИА ҶТ, шаҳри Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон.

- Сатторов Сафархон Саидамирович, номзади илмҳои тиббӣ, директори Муассисаи давлатии "Маркази ҷумҳуриявии пешгирӣ ва мубориза бо БПНМ", шаҳри Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон.

3. Ба сифати **муассисаи пешбар** Донишгоҳи давлатии тиббии Самарқанд, шаҳри Самарқанд, Ҷумҳурии Узбекистон тавсия дода мешавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи диссертатсия дар сомонаҳои МДТ “Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино” ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон розигӣ дода шавад.

3. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис (100 нусха) ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
Доктори илмҳои тиббӣ, профессор,
мудири кафедраи эпидемиологияи
ба номи Ҳ.Қ. Рафиев МДТ «ДДТТ
ба номи Абуалӣ ибни Сино» Усмонӣ Г.М.

**Аъзоёни комиссияи экспертӣ:**
Номзади илмҳои тиббӣ, дотсент, мудири
кафедраи эпидемиология, беҳдошт ва
ҳифзи муҳити зист бо курси микробиология
ва вирусологияи МДТ “ДТБКСТҶТ” Мирзоев А.С.

Номзади илмҳои тиббӣ, дотсенти кафедраи
бемориҳои сироятии МДТ “ДДТТ ба
номи Абуалӣ ибни Сино” Матинов Ш. К.
"22" 04 2026

РАЁСАТИ РУШДИ КАДРӢ / УПРАВЛЕНИЕ РАЗВИТИЯ КАДРОВ — МДТ "ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИББИИ ТОҶИКИСТОН ба номи АБӮАЛӢ ИБНИ СИНО" / ТАДЖИКСКИЙ ГОСУДАРСТВЕННЫЙ МЕДИЦИНСКИЙ УНИВЕРСИТЕТ имени АБУАЛИ ИБНИ СИНО

имзои/подпись Усмонӣ Г. М. Матинов Ш. К.
ТАСДИҚ МЕНАМОЯМ/ЗАВЕРЯЮ
САРДОРИ БАХШИ КАДРИИ РК/
НАЧАЛЬНИК ОТДЕЛА КАДРОВ УРК
„22" 04 2026 с/г